# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи “В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва Австралия (адабиёти форсӣ). –Душанбе, 2024. -164 с.**

Робитаи адабӣ ва илмӣ як самти муҳимми муносибатҳои давлатҳоро ташкил дода, сатҳи муносибатҳои фарҳангиро муайян мекунад. Аз ҷумла, иртибототи фарҳангии мамолики Шарқ бо кишвари Русия собиқаи таърихӣ дошта, дар сатҳи матлуб ба роҳ мондани он нақш ва хадамоти донишмандони ховаршинос ниҳоят зиёд мебошад. Агар мо сайри таърихии муносибатҳои кишварҳои Эрону Русияро мурур кунем, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар назди донишмандони рус меистод, ин таҳқиқ, баррасӣ, тарҷума ва нашри осори адабиёти ғановатманди форсӣ ба забони русӣ мебошад. Дар оғози асри XIX шарқшиносони барҷастае дар самти форсишиносӣ М. С. Иванов, В. Бартолд, Е. Э. Бертелс, А. Н. Болдирев, К. Г. Зелеман, И. М. Дяконов, С. Н. Риррех, А. Кримский, Л. Гумилёв, В. Минурский, Н. Хаников ва дигарон бо асарҳои бунёдӣ ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни забону адаб ва таъриху фарҳанги пардохтанд ва маҳз бо хадамоти пайгиронаи онҳо ҳавзаи шарқшиносии Петурбург ҳамчун маркази муҳимми ховаршиносӣ эътироф гардид. Яке аз ховаршиносони барҷастаи ин давра Валентин Алексеевич Жуковский мебошад, ки мутаассифона, рӯзгору осори ӯ ба ҷуз мақолаҳои алоҳидаи ҳамкоронаш ва шарқшиносони рус ба таври зарурӣ мавриди баҳсу пажуҳиш қарор нагирифтааст.Аз ин лиҳоз, диссертатсияи аз ҷонибиАлиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи “В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд”омодашуда мубрам ва муҳим буда, ба самти адабиётшиносӣ ва робитаҳои адабӣба шиносномаи ихтисоси илмии 10. 01. 03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва Австралия (адабиёти форсӣ) **мутобиқат** менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар он зоҳир меёбад,** таҳқиқе, ки аз ҷониби диссертант Алиев С. М. анҷом пазируфтааст, **мубрам ва актуалӣ** мебошад. Ба ин далел, чунонки дар боло ишора шуд, то кунун дар бораи шарқшиноси барҷаста В. А. Жуковский таҳқиқоти ҷудогонаи монографӣ ба вуҷуд наёмадааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ дуруст буда, муаллиф саъй ба он дошта, таълифоти илмии ин донишманди нуктасанҷро мавриди таҳқиқи

ҷиддӣ қарор диҳад ва, хушбахтона, чунонки аз муҳтавои рисола бармеояд, ба таълифи рисолаи хуби илмӣ муаяссар шудааст. Хусусан, баъди сукути Иттиҳоди Шуравӣ то андозае равобити илмӣ миёни кишварҳои собиқ бародарӣ коста гардида, вале муҳаққиқони моро зарур аст, ки осори донишмандони ховаршиноси русро, ки дар бораи забону адаби форсии тоҷикӣ таълифоти бунёдӣ ва интиқодӣ анҷом додаанд, ҳам мавриди таҳқиқ қарор диҳанд ва ҳам корҳои муҳимми онҳоро дубора рӯи чоп оваранд. Ин аз сӯ, барои барқарор кардани робитаҳои адабӣ мусоидат кунад, аз сӯи дигар, корномаҳои илмию адабии онҳо аз нав эҳё шуда, ба хонанда дастрас мегардад. Аз ҷумла, таълифоти зиёди В. А.Жуковский фақат дар замони зинда буданаш рӯи чоп омадаанд, мувофиқи ҳамкоронаш баъзе аз осори охири умри ӯ чоп нашудаанд. Аз ин рӯ, диссертант баъд аз дифоъ ба гирдоварӣ, таҳқиқ, муқояса ва муқобалаи мероси илмию адабии ин донишманди пуркор ва дақиқкор машғул шавад, ки онҳо имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд. Бинобар ин, ба омӯхтан ва пажӯҳиши доманадор ва ҷиддии чунин донишмандон зарурат ба миён меояд ва мавзуи мавриди гуфтугӯ, ки ба таҳқиқи таълифоти илмии В. А. Жуковский тахсис ёфтааст, кори ҷолиб буда, ба ҳимоя пешниҳод кардани он айни муддаост.

**Дараҷаи навовариҳои натиҷаҳои диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи асарҳои илмии шарқшинос В. А. Жуковский дар адабиётшиносии муосири тоҷик худ сухани тоза мебошад. Чунонки аз муҳтавои рисола метавон ба чунин хулоса омад, ки диссертант натанҳо аз сарчашмаҳои дасти аввал, яъне асарҳои В. А. Жуковский, балки аз донишмандони барҷастаи хориҷиву ватанӣ огоҳона истифода бурдааст ва мулоҳизаву андешаҳои онҳоро дар мавридҳои зарурӣ ва мавқеи худ ба кор бастааст. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайгирона ба диссертант муассар шудааст, кибисёр паҳлуҳои норавшани зиндагӣ ва осори ин донишманди русро муқаррар ва муайян кунад, ки яке аз мазиятҳои рисолаи мазкур мебошад.

Аз пажуҳиши анҷомдодаи диссертант Алиев Султон Маҳмадшарифович метавон чунин бардошт кард, ки ӯ бо корбасти назарияҳо, равишҳои илмӣ-таҳқиқии муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлилӣ пардохта, ба таълифи рисолаи арзшманд муяссар гардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссартатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешавад, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи диссертатсия ба асарҳои заминавии ховаршиносон ва адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ такя намуда,

консепсияи илмӣ ва назарии онҳоро дар кори диссертатсионии худ дар сатҳи матлуб истифода кардааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқ аз маълумоти муътамад, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, омӯзишу баррасии натиҷаҳои таҳқиқ, шумораи интишорот ва дуруст ва бонизом интихоб намудани методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои кори диссертатсионӣ бо такя ба таҳлилҳои амиқу самарабахши илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид истифодаи онҳо.** Омӯзиши паҳлуҳои ноомӯхта ва таҳқиқнашудаи ховаршиносии рус, ки дар ҷаҳон ҳамчун яке аз равишҳои бунёдии илм эътироф шудааст, аз як сӯ, аҳаммияти илмии рисолаи мазкурро нишон медиҳад. Аз сӯи дигар, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои илмӣ, ҳунарӣ ва адабиётшиносии В. А. Жуковский мавриди пажуҳишкарор гирифта, диссертант талош кардааст, то ҷанбаҳои илмии асарҳои адабиётшиносӣ, адабиёти гуфторӣ, адабиёти сӯфия ва забоншиносии ин олими забардастро дуруст муайян ва муқаррар кунад.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович “В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд” унвон дошта, аз муқаддима, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант нахустин рисолаи монографии илмӣ дар мавзуи мазкур мебошад.

Диссертант дар қисмати муқаддима оид ба мубрамии таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи мавзуъ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навовариҳои илмии таҳқиқ, арзишҳои амалӣ ва назарии таҳқиқ ва дигар талаботи муқарраргардидаи сохтори муқаддамотӣ мулоҳиза ронда, сабабҳои асосии маҳз ба ин мавзуъ рӯ овардани худро баён намудааст.

**Боби аввали рисола “Зиндагинома ва осори В. А. Жуковский”** ном дорад, ки як бахши муҳимми рисоларо ташкил медиҳад. Муҳаққиқ барои барқарор намудани лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти олим аз ҳам аз осори худи В. А. Жуковский, ҳам аз мақолоти ҳамкорону шогирдон ва ҳам аз ёддоштҳои дӯстону пайвандонашро дартаҳқиқоти хеш истифода намудаст. Гузашта аз ин, баъзе аз номаҳои ин ховаршиноси мумтоз ба устодонаш, ки дар Донишгоҳи Санкт-Петурбург кор мекарданд, дар барқарор кардани лаҳзаҳои ҷудогонаи ӯ ва омухтани ҳаёти фарҳангиву адабии Эрон дар охири асри XIXва равшан кардани масъалаҳои зиёди

адабӣ муҳим мебошанд, аз ҷониби диссертант мавриди пажуҳиш қарор додааст, ки аҳаммияти рисоларо баланд мебардорад.

Дар **фасли дувуми боби аввал “Осори илмии В. А. Жуковский”** диссертант таълифоти ӯро аз рӯи таснифи мавзуӣ ба 5 бахш тақсим намудааст: осори адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихшиносӣ, фолклоршиносӣ ва диншиносии ӯро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, диссертант рисолаи таълифнамудаи олимро ба таҳқиқи рӯзгору осори Алӣ Авҳадуддин Анварӣ ихтисос ёфтааст, дар ховаршиносии рус муҳим арёзбӣ карда, нахустин асари ҷудогонае медонад, ки дар бораи шоири маъруфи қасидасарои асрҳои IX-X баҳс мекунад. Ин асари Жуковский дар замони худ саҳифаи тозае дар анваришиносӣ буд, ба хонандаи рус муаррифӣ мешуд. Рисолаи “Умари Хайём ва рубоиёти сайёр”-и ӯ ҳарчанд аз лиҳози ҳаҷм хурд аст, вале дар муаррифии рубоиёти ҷаҳонгири ӯ ва ҷаҳонбинии ин шоири лоуболӣ дар миёни хонандагони рус ба муаллифи он шуҳрат овард. Хусусан, мақолаи ӯ бо номи “Дар бораи адабиёти форсӣ”, ки соли 1903 дар Санкт-Петербург бар чоп расида буд, ба таври муқаддамотӣ роҷеъ ба адабиёти форсӣ баҳс мекунад, ки барои вуруди хонандаи рус ба адаби форсӣ замина гузоштааст. Диққати В. А. Жуковскийро рубоиёти Бобо Тоҳири Урён, ки бо дубайтиҳои зебояш машҳур аст, ҷалб карда буд. Бинобар ин, ӯ тасмим гирифт, ки дубайтиҳои ӯро ба хонандаи рус муаррифӣ намояд. Ӯ 262 дубайтии ин шоири ирфонии асри XII-ро тарҷума ва нашр кард, ки хонандаи рус маҳз тавассути ин кори ӯ бо эҷодиёти Бобо Тоҳир ошно шуд (дис.32).

Диссертант он ҷо, ки дар бораи осори забоншиносии В. А. Жуковский баҳс мекунад, хадамоти ин донишманди мумтозро дар омӯзиши забони форсӣ, бахусус гӯишу лаҳҷаҳои он воқеан дуруст арзёбӣ карда ба ин натиҷа мерасад: “В. А. Жуковсҗий аз байни муҳаққиқон аввалин касест, ки равиши омӯзиши мунтазаму аз лиҳози ҷуғрофӣ пурраи лаҳҷаҳо ва гӯишҳоро истифода бурдааст”. Ба ин равиш, ба андешаи диссертант, барои он муяссар шудааст, ки маводи зиёди фолклорӣ, ҳам қиссаву ривоят, ҳикоятҳои хурд, зарбулмасалу мақол ва намунаҳои зиёди манзумро аз миёни мардум ҷамъоварӣ кардааст. Метавон чунин натиҷа гирифт, ки иҳотаи ӯ ба маводи фаровони илмӣ ва назаризаминаро барои таҳқиқоти бунёдӣ гузошта ва ӯ аз ин огоҳона истифода бурдааст. Масалан, “Мавод барои омӯзиши гӯишҳои форсӣ” (иборат аз 4 ҷилд) ва “Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ”, ки ҷилди нахусти он намунаҳои назм ва ҷилди дувуми он намунаҳои насри ривоятиро фаро мегирад, аз баррасиҳои диссертант аён мегардад, ки доманаи пажӯҳиши ин муҳаққиқи дақиқназар васеъ ва густарда будааст.

Боби дуюм, ки **“Масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик дар баррасии В. А. Жуковский”** унвон дорад, аз панҷ фасл – “Таҳқиқи аҳволу ашъори Анварӣ”, “Умари Хайём дар чашмандози илмии В. А. Жуковский”, “Назари В. А. Жуковский ба адабиёти аҳди Сомониён”, “Таҳқиқ ва тарҷумаи осори адабиёти тасаввуфӣ” ва “Таҳқиқи ҳаёт ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ” иборат буда, дар ҳар фасл диссертант кӯшиш намудааст, ки хадамоти илмии ин ховаршиноси барҷастаи русро дар таҳқиқи ҷудогона ва мушаххаси масъалаҳои адабиёти форсии тоҷикӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор диҳад.

В. А. Жуковский дар таҳқиқу баррасиҳои адабиёти тасаввуфии форсии тоҷикӣ, чунонки диссертант зикр мекунад:”аз зумраи аввалин муҳаққиқони тавассуф ва адабиёти тасаввуфии Эрон дар Русия маҳсуб мешавад”. Зеро қабл аз ӯ ба ин масъала донишмандони рус камтар таваҷҷуҳ мекарданд ва маҳз тавассути тарҷума, нашр ва баррасию таҳқиқи ин муҳаққиқ дар ховаршиносии рус нигаришҳои илмӣ ба масъалаҳои омӯзишу пажӯҳиши бештар шуд. Зеро яке аз ҳадафҳои адабиёти ирфони форсии тоҷикӣ он аст, ки адабиётро аз дарбори шоҳон ба миёни мардум овард ва густариши адабиёти мардумӣ, ки онро халқияти адабиёт ҳам меноманд, маҳз тавассути адабиёти сӯфия сурат гирифт. Диссертант дар ду фасли рисола пажӯҳиши осори намояндагони адабиёти ирфони форсии тоҷикӣ, аз ҷумла Бобо Тоҳири Урён, Бобо Кӯҳӣ, Умари Хайём, Абусаиди Абулхайр, Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанӣ ва Мунаввар ибни Мунаввар,ки аз ҷониби В. А. Жуковский таҳқиқ шудаанд, масъалаҳое чун аҳволу ҳолоти сӯфия, ваҳдат дар касрат ва касрат дар ваҳдат, таълимоти сӯфиён ва маърифати ирфонро баррасӣ мекунад. Аз таҳқиқи Алиев С. М. чунин натиҷа бармеояд, ки В. Жуковский фақат ба таҳлили адабии ашъору осори намояндагони адабиёти тасаввуф қаноат накарда, онҳоро аз лиҳози динӣ ва ахлоқӣ, ки моҳияти умумибашарӣ доранд, мавриди баҳс қарор медиҳад, ки ҷолиб мебошад.

**Фасли охири ин боби рисола “Таҳқиқи ҳаёт ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ”** ном дошта, идомаи мантиқии фасли қаблӣ мебошад. Зеро Абдуллоҳи Ансорӣ яке аз чеҳраҳои маъруф ва барҷастаи адабиёти сӯфияи форсии тоҷикӣ дар асри XI аст, чунонки диссертант таҳқиқ мекунад: “В. Жуковский вежагиҳои осори тасаввуфии Ансориро арзёбӣ карда, ба содагиву кӯтоҳии суханони ӯ ишора мекунад” (дисс., 81-86). Диссертант бошад арзиши осори ӯро дар адабиёти давр муайян ва муқаррар кардааст, ба ин нукта таъкид мекунад, ки дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ моҳияти тасаввуф бо истилоҳоти нисбатан сода шарҳу тавзеҳ

ёфтаанд ва ҳамин аст, ки доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб месозад.

Дар **боби сеюми диссертатсия, ки таҳти унвони “ Саҳми В. А. Жуковский дар ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳқиқи маводи осори шифоҳии мардуми эронӣ”** омада, муҳаққиқ дар бораи адабиёти гуфторӣ баҳс карда, онҳоро аз рӯйи мухтассот ва мавзуоташон ба панҷ бахш: 1) сурудҳои мутрибону сароянддагон; 2) сурудҳои базмӣ; 3) сурудҳои лолоӣ (аллаҳо); 4) чистонҳо ва 5) намунаҳои дорои мазмунҳои гуногунҷудо мекунад, ки чунин таснифот, албатта, дар доираи маводи гирдовардаи донишманди рус сурат гирифта, дар навбати худ, саҳеҳ мебошад. Диссертант, дар доираи ҳар кадоми он намунаҳои зиёди фолклорӣ оварда, онҳоро таҳлил месозад. Бояд гуфт, ки ин сурудҳо ҳангоми эъзоми В. А. Жуковский ба Эрон гирдоварӣ шуда, соли 1888 дар Санкт-Петербург ба чоп расидаанд. Масалан, ба андешаи диссертант, дар сурудҳои лолоӣ модарони эронӣ дарду алам, сӯзу ҳасрат, ҷудоиву фироқ ва шодиву сурури зиндагии иҷтимоии худро адо месозанд. Яъне, ба василаи шеър масъалаҳои иҷтимоӣ ва мушкилоти зиндагии худро баён месозанд. Аз ҷумла, дар суруди зер, бинобар мулоҳизаи диссертант, “зан аз дарди ҷудоӣ, яъне фироқи шавҳари худ азият мекашад, ба силки тасвир кашида шудааст.

Лоло-лол гули гирду,
Бобот рафта туи урду.
Лоло-лол гули писта,
Бобот рафта сари қисса” (дисс., 107).

Нуктаи дигари муҳимме, ки диққати диссертантро ба худ ҷалб кардааст, таҳқиқи масъалаҳои адабиёт дар пажуҳишҳои таърихшиносии В. А. Жуковский мебошад. Яъне, ин чунин маънӣ дорад, ки В. Жуковский зимни таълифи китобҳо оид ба таърихи мардуми эронӣ ба масъалаҳои адабӣ дахл кардааст. Хусусан, ӯ дар китоби “Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марв” баъзе ҳикоёти адабиро аз “Аҷоиб-ул-махлуқот”-и Аҳмади Тӯсӣ ва “Муъҷам-ул-булдон”-и Ёқути Ҳамавӣ ва ки ба шоирони қаламрави Хуросон марбут аст, нақл мекунад. Яке аз масъалаҳое, ки В. Жуковский дар ин китоб дахл мекунад, пайдоиши шеъри форсӣ мебошад. Ӯ дар ин бора мулоҳизаҳои зиёдеро оварда ва ба “Суруди оташкадаи Каркӯй”, ки баъдан донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб онро “Суруди аҳли Бухоро” медонад, такя карда, ба ин натиҷа мерасад, ки оғозгоҳи шеъри форсӣ Хуросон будааст. Сарчашмаи дигари ӯ дар ин маврид шеъри машҳури “Об асту набиз аст”, ки муаллифи он Язид ибни Муфаррағ аст. В. Жуковский ба намунаҳои шеърии “Аз Хуталон омадия” ва байти бозмонда аз Баҳроми Гӯр ва

Абуҳафси Суғдӣ низ истинод карда, ҳамоно сароғози шеърифорсӣ будани қаламрави Фарорӯд ё Варазрӯдро мушаххас месозад, ки бисёр муҳим аст.

Фасли дигари боби севум “Арзиши илмии таҳқиқоти осори забоншиносии В. А. Жуковский” мебошад, ки диссертант дар хусуси китоби арзишманди ин донишманди энсиклопедӣ “Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ” (бо ҳаммуаллифии забоншиноси маъруфи рус К. Г. Залеман) баҳсҳои ҷолиберо матраҳ кардааст, ки барои пажуҳиши ин самти фаъолияти муҳаққиқи рус аҳаммияти вижа доранд.

Дар қисмати хулосаи кор Алиев С. М. дар 12 банд оид ба ҳар як бобу фасли диссертатсия андешаҳояшро ба таври алоҳида натиҷагирӣ менамояд. Хулосаҳои муҳаққиқ дар шинохт, баррасӣ ва нақди таълифоти илмии В. Жуковский ҷамъбасти пажуҳиши ӯро фаро мегиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи унвонҷӯ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, **мутобиқат** мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30-юми июнисоли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, **мутобиқат** мекунад.

Муҳтавои кори рисола гувоҳи он аст, ки муаллиф дар изҳори андеша истиқлол дорад ва он дорои мазмуну мантиқи низомманд мебошад. Таҳқиқоти анҷомёфта, нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, масъалагузориҳо ва ҳалли онҳо, инчунин тавсияҳои амалие, ки дар қисми охири рисола омадаанд, ин андешаро собит месозанд, ки саҳми шахсии муаллиф дар таълифи диссертатсия ба мушоҳидамерасад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Умуман, м*уваффақияту* дастовардҳои диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи “В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд”

зиёданд. Вале сарфи назар аз ин, дар диссертатсия баъзе нуқсунорасоиҳои ҷузъӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ҳусни кори муаллифро меафзояд. Аз ҷумла:

1. Диссертант, вақте ки дар бораи Бобо Тоҳири Урён баҳс мекунад, дубайтиҳои ӯро "рубоӣ" гуфтааст, ки иштибоҳ мебошад.

2. Ба назари мо, диссертант дар боби дувуми рисола, ки "Масъалаҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик дар баррасии В. А. Жуковский" ном дорад, мебоист фасли сеюми боби дувум, яъне "Назари В. А. Жуковский ба адабиёти аҳди Сомониён" -ро дар фасли аввал ҷой медод, масъалаҳои таърихи адабиёт аз рӯйи таснифоти мавзуӣ ва банду басти сохторӣ мувофиқат мекард. Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки ҳангоми нашри монография ин масъала ба назар гирифта шавад.

3. Диссертант дар фасли панҷуми боби севум "Таҳқиқи ҳаёт ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ" дар хусуси мусталаҳоти сӯфия, ки дар осори ин орифи машҳур истифода шудаанд, баҳс мекунад. Салоҳ будӣ, ки Алиев С. М. дар ин фасл агар баъзе истилоҳоти мутадовил ва маъмули ирфониро аз рӯи омӯзаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ шарҳу тавзеҳ медод, арзиши кори ӯ боз ҳам боло мерафт.

4. Дар боби севум, диссертант, вобаста ба таълифоти В. А. Жуковский марбут ба адабиёти гуфторӣ ва забоншиносӣ мулоҳизаҳо меронад. Вале чунонки, аз андешаҳои диссертант бармеояд, ховаршиноси рус дар ин мавзуъҳо таълифоти муфассале дорад, ки метавон ҳам дар самти адабиёти гуфторӣ ва забоншиносӣ рисолаҳои алоҳидаи номзадӣ навишт. Ин нуктаро дар самти тарҷумаҳои ӯ низ метавон татбиқ кард. Бинобар ин, диссертантро зарур аст, ки таҳқиқоташро дар ин заминаҳо идома диҳад, ё ин ки барои шогирдоне, ки дар риштаи робитаҳои адабӣ кор кардан мехоҳанд, ин мавзуъҳо дода шаванд, яъне кор бо ҳамин қатъ нашавад.

5. Дар рисола гоҳ-гоҳе иштибоҳоти фаннӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро афзун месозад ва диссертантро зарур аст, ки онҳоро то нашри монографияи худ бартараф созад.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд, зеро муаллифи он аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худгузошташуда сарбаландона баромадааст.

**Қисмати хотимавии диссертатсия.** Диссертатсия аз нигоҳисохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои ба нашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Алиев С. М. ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва Австралия (адабиёти форсӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд»ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03– Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30-юми июнисоли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
номзади илми филология,
дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултаи
Забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Тоҳирзода Сурайё

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ б 3 3/1. ҳ. 65
Тел: +(992) 934-62-63-46, +(992) 907-62-63-46
E-mail: raboni_81@mail.ru
"23" майи 2024

Имзои Тоҳирзода Сурайёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
"23" майи 2024